**«ТАСДИҚ МЕКУНАМ»**
Директори Институти фалсафа, сиёсатшиносӣ ва ҳуқуқи ба номи А.Баҳоваддинови Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон, доктори илмҳои фалсафа, профессор
_________________Маҳмадизода Н.Д.
«____»_____________соли 2025

# ХУЛОСАИ

шуъбаи масоили назариявии давлат ва ҳуқуқи муосири
Институти фалсафа, сиёсатшиносӣ ва ҳуқуқи ба номи А. Баҳоваддинови
Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон

Диссертатсияи номзадии Набизода Набӣ Мирзонаим дар мавзуи «Фаъолияти ҳуқуқтатбиқкунии мақомоти прокуратураи Ҷумҳурии Тоҷикистон: таҳқиқоти назариявию ҳуқуқӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 5.5.1 - Назария ва таърихи ҳуқуқ ва давлат; таърихи таълимот дар бораи ҳуқуқ ва давлат дар шуъбаи масоили назариявии давлат ва ҳуқуқи муосири Институти фалсафа, сиёсатшиносӣ ва ҳуқуқи ба номи А. Баҳоваддинови АМИТ иҷро карда шудааст.

Дар ҷараёни омода намудани диссертатсия Набизода Набӣ Мирзонаим унвонҷӯи шуъбаи масоили назариявии давлат ва ҳуқуқи муосири Институти фалсафа, сиёсатшиносӣ ва ҳуқуқи ба номи А. Баҳоваддинови АМИТ ба шумор мерафт.

Набизода Набӣ Мирзонаим соли 1991 ба шуъбаи рӯзонаи факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон дохил шуда, онро соли 1996 аз рӯйи ихтисоси ҳуқуқшинос хатм намудааст.

Номбурда бо фармоиши директори Институти фалсафа, сиёсатшиносӣ ва ҳуқуқи ба номи А. Баҳоваддинови АМИТ аз 21 сентябри соли 2022, №111 ба ҳайси унвонҷӯи Институти фалсафа, сиёсатшиносӣ ва ҳуқуқи ба номи А. Баҳоваддинов қабул карда шудааст.

Мавзуи рисолаи номзадии Набизода М.Н., бо қарори шурои олимони Институти фалсафа, сиёсатшиносӣ ва ҳуқуқи ба номи А. Баҳоваддинови Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон аз 03 октябри 2022, №9 тасдиқ шудааст.

**Роҳбари илмӣ** – Нематов Акмал Рауфҷонович, доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсент, сарходими илмии шуъбаи масоили назариявии

давлат ва ҳуқуқи муосири Институти фалсафа, сиёсатшиносӣ ва ҳуқуқи ба номи А.Баҳоваддинови Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон мебошад.

Шаҳодатнома дар бораи супоридани имтиҳонҳои номзадӣ аз 22 сентябри соли 2025, №1328 аз ҷониби Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон дода шудааст.

Диссертатсияи Набизода Набӣ Мирзонаим дар ҷаласаи шуъбаи масоили назариявии давлат ва ҳуқуқи муосири Институти фалсафа, сиёсатшиносӣ ва ҳуқуқи ба номи А. Баҳоваддинови АМИТ аз 26 ноябри соли 2025, №18 ба ҳимоя тавсия карда шудааст. Ба диссертатсия аз ҷониби муқарризон баҳои мусбат дода шуда, пас аз ислоҳи камбудиҳо ба зинаи навбатии ҳимоя тавсия карда шудааст.

Оид ба натиҷаи баррасии диссертатсияи Набизода Н.М. дар мавзуи «Фаъолияти ҳуқуқтатбиққунии мақомоти прокуратураи Ҷумҳурии Тоҷикистон: таҳқиқоти назариявию ҳуқуқӣ» чунин хулоса қабул карда шуд:

1. **Мутобиқати ихтисос ва номи мавзуъ ба шиносномаи ихтисос ва муҳтавои диссертатсия.** Диссертатсияи Набизода Набӣ Мирзонаим «Фаъолияти ҳуқуқтатбиққунии мақомоти прокуратураи Ҷумҳурии Тоҷикистон: таҳқиқоти назариявию ҳуқуқӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 5.5.1 - Назария ва таърихи ҳуқуқ ва давлат; таърихи таълимот дар бораи ҳуқуқ ва давлат дар шуъбаи масоили назариявии давлат ва ҳуқуқи муосири Институти фалсафа, сиёсатшиносӣ ва ҳуқуқи ба номи А. Баҳоваддинови АМИТ омода шудааст.

2. **Алоқамандии мавзуи диссертатсия ба самтҳои афзалиятноки рушди илм, техника ва технология дар ҷумҳурӣ.** Таҳқиқоти диссертатсионӣ дар доираи барномаи панҷсолаи шуъбаи масоили назариявии давлат ва ҳуқуқи муосири Институтии фалсафа, сиёсатшиносӣ ва ҳуқуқ ба номи А. Баҳоваддинови Академиияи миллии илмҳои Тоҷикистон 2019-2023 “Масоили татбиқи ҳуқуқ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон” таҳия шудааст.

3. **Мутобиқати теъдод ва мазмуни интишороти натиҷаҳои илмӣ ба муҳтавои диссертатсия ва автореферати он.** Диссертатсияи мазкур ба шиносномаи самти илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 5.5.1 – Назария ва таърихи ҳуқуқ ва давлат; таърихи таълимот дар бораи ҳуқуқ ва давлат мутобиқат мекунад. Мавзуи диссертатсия ба бандҳои 31, 33, 34 ва 35 Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки ба қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, №267 ва Дастурамал оид ба тартиби барасмиятдароии диссертатсия ва автореферати диссертатсия, ки бо қарори Раёсати Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон

аз 27 декабри соли 2024, № 493 тасдиқ шудааст аз рӯйи ихтисоси 5.5.1 - Назария ва таърихи ҳуқуқ ва давлат; таърихи таълимот дар бораи ҳуқуқ ва давлат мутобиқ мебошад.

**4. Мавҷудияти санадҳои тасдиққунандаи татбиқи натиҷаҳои илмӣ дар истеҳсолот ё имконияти татбиқ намудани онҳо.** Натиҷаҳои таҳқиқоти диссертатсионӣ ба омӯзиши минбаъдаи ҷанбаҳои гуногуни фаъолияти ҳуқуқтатбиққунӣ замина гузошта, ҳамчунин метавонад барои таҳқиқоти илмӣ ва таҳияи адабиёти таълимӣ-методӣ доир ба масоили мубрами назарияи давлат ва ҳуқуқ ва таълими фанҳои гуногуни ҳуқуқӣ истифода шавад. Ин таҳқиқот ҳамчунин аҳаммияти маърифатӣ дошта, доираи васеи хонандагону донишмандон метавонанд аз ҷанбаҳои назариявии диссертатсия бархӯрдор гарданд. Натиҷаҳои таҳқиқоти диссертатсионӣ барои таҳқиқи самти нави илмӣ ҳамчун фаъолияти ҳуқуқтатбиққунӣ замина гузошта, ба такмили фаъолияти мазкур мусоидат менамояд.

Аҳаммияти амалии таҳқиқоти мазкур дар он зоҳир мегардад, ки пешниҳодоти муаллиф ба такмили амалии ҳуқуқтатбиққунӣ муфид буда, нуктаҳо ва хулосаҳои муаллиф дар фаъолияти амалии мақомоти прокуратура ва дигар мақомоти ҳифзи ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва амалӣ намудани фаъолияти ҳуқуқтатбиққунӣ метавонад истифода шаванд. Ҳамчунин, дар асоси маводи таҳқиқоти мазкур дар муасисаҳои илмию таҳқиқоти мавзуҳои алоҳида барои таҳқиқи фаъолияти ҳуқуқтатбиққунӣ, техникаи ҳуқуқтатбиққунӣ, самтҳои алоҳидаи фаъолияти ҳуқуқтатбикунии мақомоти прокуратура мавриди омӯзиш қарор дода мумкин аст.

**5. Саҳми довталаб дар иҷрои таҳқиқоти диссертатсионӣ.** Рисолаи номзадии Набизода Набӣ Мирзонаим «Фаъолияти ҳуқуқтатбиққунии мақомоти прокуратураи Ҷумҳурии Тоҷикистон: таҳқиқоти назариявию ҳуқуқӣ» мубрам ба ҳисоб рафта, барои илми ҳуқуқи ҷиноятӣ аҳаммияти муҳими назариявӣ ва амалӣ дорад.

Навгонии илмии таҳқиқи мазкур, пеш аз ҳама, дар хулоса ва пешниҳодҳое зоҳир мегардад, ки муаллиф барои ҳимоя пешниҳод намудааст. Таҳқиқоти мазкур яке аз аввалин таҳқиқоти мукаммали илмӣ дар соҳаи назария ва таърихи ҳуқуқ ва давлат мебошад, ки ба баррасии фаъолияти ҳуқуқтатбиққунии мақомоти прокуратураи Ҷумҳурии Тоҷикистон: таҳқиқоти назариявию ҳуқуқӣ бахшида шудааст. Дар натиҷаи таҳлилу омӯзиши ҳамаҷониба ва амиқи масъалаҳои интихобшуда, муаллиф хулосаҳои нав ва пешниҳодҳои мушаххасро манзур намудааст, ки барои рушди минбаъдаи илми назария ва таърихи ҳуқуқ ва давлат ва такмили қонунгузории амалкунанда аҳаммияти назаррас доранд. Масалан:

1. Дар байни дигар субъектони ҳуқуқтатбиққунӣ мақомоти прокуратура нақш ва мақоми асосӣ дорад. Фаъолияти ҳуқуқтатбиққунии мақомоти прокуратура – навъи махсуси фаъолияти ҳокимиятӣ-давлатӣ мебошад, ки дар доираи ваколатҳои муқарраршуда танҳо аз ҷониби прокуратура амалӣ карда мешавад. Мақомоти прокуратура фаъолияти ҳуқуқтабиққуниро дар чунин сатҳҳо ба роҳ мемонад: муқаррар кардани ҳолатҳои воқеии ба ҳуқуқтатбиққунӣ алоқаманд; интихоби меъёри ҳуқуқӣ ҷиҳати ҳалли масъала; баровардани санади ҳуқуқтатбиққунӣ; назорати иҷроиши санади ҳуқуқтатбиққунӣ. Дар марҳилаҳои зикршуда усулҳо, воситаҳо ва механизмҳои махсус барои ҳуқуқтатбиққунӣ аз ҷониби прокурорҳо ва шахсони дигари мансабдори мақомоти прокуратура истифода мешаванд.

2. Санади мақомоти прокуратура санади ҳуқуқиест, ки аз ҷониби мақомоти прокуратура дар доираи салоҳияти бо қонун муқарраргардида барои ошкоркунӣ, пешгирӣ ва бартарафсозии қонунвайронкуниҳо, инчунин, татбиқи меъёрҳои ҳуқуқӣ қабул карда мешавад. Санадҳои ҳуқуқтатбиққунии мақомоти прокуратура намуди санадҳои муайяни мақомоти прокуратура мебошанд, ки барои таъмини татбиқи ҳуқуқ қабул карда мешаванд. Инчунин, санадҳои татбиқи ҳуқуқ, ба доираи муайяни шахсон паҳн мегарданд, аз нишондодҳои фаврӣ, унсурҳои фармоишиву иттилоотӣ иборат мебошанд. Хусусияти санади ҳуқуқтатбиққунии мақомоти прокуратура дар инҳо зоҳир мегардад: а) он санади мақомоти давлатӣ – прокуратура мебошад, ки ваколати татбиқи ҳуқуқро дар соҳаҳои муайяни муносибатҳои ҷамъиятӣ дорад; б) иҷрои санади татбиқи ҳуқуқ ба ҳамаи субъектҳои ҳуқуқ ҳатмӣ буда, ҷиҳати ошкоркунӣ, пешгирӣ ва бартарафсозии қонунвайронкуниҳо бо қувваи давлатӣ ҳифз карда мешаванд; в) санади ҳуқуқтатбиққунӣ шакли муайян дорад (мас., шакли беруна, яъне санади хаттӣ, раванди қабул, таъиноти вазифавӣ) ва ғ.

3. Ҷанбаҳои ҳуқуқӣ-техникии фаъолияти ҳуқуқтатбиққунии прокуратура маҷмӯи принсипҳо, қоидаҳо ва усулҳои ҳуқуқӣ ва техникӣ мебошад, ки барои танзими муносибатҳои ҷамъиятӣ тавассути таҳияи босифати ҳуҷҷатҳои дахлдори ҳуқуқӣ ва таъмини онҳо пешбинӣ шудаанд. Нақши чунин ҷанбаҳо ба самаранокӣ ва баланд бардоштани фаъолияти ҳуқуқтатбиққунии мақомоти прокуратура мусоидат менамояд. Риояи ҳамаи ҷанбаҳои ҳуқуқӣ-техникии такмилии фаъолияти ҳуқуқтатбиққунӣ аз ҷониби мақомоти прокуртара имкон медиҳад, ки фаъолияти мазкур такмил дода шавад ва санадҳои ҳуқуқтатбиққунии ҷавобгӯъ ба талаботҳо таҳия карда шавад. Бо дар назардошти риояи ҷанбаҳои ҳуқуқӣ-техникии

фаъолияти ҳуқуқтатбиққунии мақомоти прокуратура чунин натиҷаҳо ба даст меояд: ба воситаи онҳо моҳият ва мундариҷаи қонунҳо ва меъёрҳои ҳуқуқӣ дуруст дарк карда шаванд; татбиқи дурусти онҳо ба самаранокии санадҳои ҳуқуқтатбиққунӣ мегардад; ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд кафолат дода шавад ва механизми ҳимояи онҳо низ тадбиқ гардад; ҳамкорӣ байни шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ таъмин карда мешавад.

Диссертатсияи Набизода Набӣ Мирзонаим «Фаъолияти ҳуқуқтатбиққунии мақомоти прокуратураи Ҷумҳурии Тоҷикистон: таҳқиқоти назариявию ҳуқуқӣ», ба ихтисоси интихобшуда пурра мутобиқат мекунад.

Мавзуи диссертатсия ба бандҳои зерини шиносномаи ихтисосҳои илмии Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз рӯйи ихтисоси 5.5.1 - Назария ва таърихи ҳуқуқ ва давлат; таърихи таълимот дар бораи ҳуқуқ ва давлат мутобиқат мекунад.

Диссертатсия аз муқаддима 3 боб, 8 зербоб, хулоса ва руйхати адабиётҳои истифодашуда иборат мебошад

Вобаста ба мавзуъ ва масоили таҳқиқи диссертатсионӣ 16 мақолаи илмӣ, аз ҷумла 9 то дар маҷаллаҳои илмии дар феҳристи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ворид буда, интишор гардидааст, ки ҳаҷми умумии онҳо 7, 85 ҷузъи чопиро ташкил медиҳад.

Мундариҷаи асосии таҳқиқ аз рӯйи мавзуи диссертатсия дар таълифоти зерини муаллиф инъикос ёфтааст.

**I. Мақолаҳое, ки дар маҷаллаҳои тақризшаванда ва тавсиякардаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба табъ расидаанд:**

**[1-М].** Набизода, Н.М. Мақомоти прокуратура дар низоми ҳуқуқтатбиққунии Ҷумҳурии Тоҷикистон [Матн] / Н.М. Набизода // Қонунгузорӣ. – 2023. – №3 (51). – С.197-219; ISSN 2410-2903.

**[2-М].** Набизода, Н.М. Асосҳои ҳуқуқии ташкили фаъолияти ҳуқуқтатбиққунии мақомоти Прокуратураи Ҷумҳурии Тоҷикистон [Матн] Н.М. Набизода // Қонунгузорӣ. – 2023. – №2 (54). – С. 182-195; ISSN 2410-2903

**[3-М].** Набизода, Н.М. Мафҳум ва тавсифи умумии ҳуқуқтатбиққунӣ дар фаъолияти мақомоти прокуратура (Матн) Н.М. Набизода // Маҷаллаи академии ҳуқуқ. – 2023. – №3 (47). – 2023. – С.180-195; – ISSN 2305-0535.

**[4-М].** Набизода, Н.М. Баланд бардоштани маданият ва шуури ҳуқуқии кормандони мақомоти прокуратураи Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун омили такмили фаъолияти ҳуқуқтатбиққунии онҳо [Матн] Н.М.

Набизод // Осори Академияи ВКД-и Ҷумҳурии Тоҷикистон. – 2024. – №4(64). – С. 160-171; ISSN 2305-0535.

**[5-М].** Набизода, Н.М. Самтҳои асосии фаъолияти ҳуқуқтатбиқкунии мақомоти прокуратураи Ҷумҳурии Тоҷикистон [Матн] / Н.М.Набизода // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. – 2024. – №11. – С. 252-259; ISSN 2413-5151.

**[6-М].** Набизода, Н.М. Ҷанбаҳои ҳуқуқӣ-техникии такмили фаъолияти ҳуқуқтатбиқкунии мақомоти прокуратураи Ҷумҳурии Тоҷикистон [Матн] / Н.М. Набизода // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. – 2024. – №12. – С. 300-309; ISSN 2413-5151.

**[7-М].** Набизода, Н.М. Ҳамкории самараноки мақомоти прокуратура бо дигар мақомоти ҳуқуқтатбиқкунӣ ҳамчун омили такмили фаъолияти ҳуқуқтатбиқкунӣ [Матн] / Н.М. Набизода // Давлатшиносӣ ва ҳуқуқи инсон. Маҷаллаи илмӣ. – 2025. – №1(37). – С.140-158; ISSN 2414-9217.

**[8-М].** Набизода, Н.М. Санадҳои мақомоти прокуратура ҳамчун асоси ҳуқуқии фаъолияти ҳуқуқтатбиқкунии мақомоти прокуратура [Матн] / Н.М. Набизода // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. – 2025. – №6. – С. 259-264; ISSN 2413-5151.

**[9-М].** Набизода, Н.М. Санадҳои ҳуқуқтатбиқкунии мақомоти прокуратура: вазифа, хусусият ва таснифи онҳо [Матн] / Н.М. Набизода // Қонунгузорӣ. – 2025. – №3. – С. 248-256; ISSN 2410-2903.

**II. Мақолаҳои илмие, ки дар маҷмуаҳо ва дигар нашрияҳои илмӣ-амалӣ чоп шудаанд:**

**[10-М].** Набизода, Н.М. Ҳуқуқтатбиқкунӣ: нишонаҳо ва механизми амалисозии он [Матн] / Н.М. Набизода // Фаъолияти ҳуқуқэҷодкунӣ. – Душанбе, 2022. – №2 июл-декабр. – С. 230-234; ISSN 2410-2903.

**[11-М].** Нематов, А.Р., Набизода Н.М. Роҷеъ ба баъзе масъалаҳои фаъолияти ҳуқуқтатбиқкунии мақомоти прокуратура [Матн] / Нематов А.Р., Н.М. Набизода // Фаъолияти ҳуқуқэҷодкунӣ. – Душанбе, 2022. – №2 июл-декабр. – С. 223-229; ISSN 2410-2903.

**[12-М].** Набизода, Н.М. Мафҳум ва таносуби санади ҳуқуқӣ ва санади ҳуқуқтатбиқкунӣ [Матн] / Н.М. Набизода // Масоили мубрами давлат, ҷомеа ва ҳуқуқи муосир (маҷаллаи илмӣ). – Душанбе, 2024. – №3(3). – С. 19-26; ISSN 2410-2903

**[13-М].** Набизода, Н.М. «Нақши мақомоти прокуратура дар татбиқи санадҳои меъёрии ҳуқуқи Иҷлосияи XVI Шурои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон». [Матн] / Н.М. Набизода // Конференсияи илмию амалӣ бахшида ба 30-солагии Иҷлосияи XVI Шурои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон». – (Душанбе, 18 октябри соли 2022). – С. 278-284.

[14-М]. Набизода, Н.М. Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи мақомоти прокуратураи Ҷумҳурии Тоҷикистон» ва дигар қонунҳои ҷорӣ ҳамчун асосҳои ҳуқуқии фаъолияти ҳуқуқтатбиққунии мақомоти прокуратура [Матн] / Н.М. Набизода // Маводи конференсияи байналмилалии илмӣ-назариявӣ таҳти унвони «Масъалаҳои мубрами маърифати ҳуқуқӣ дар шароити ҷаҳонишавӣ: дастовард ва дурнамо» бахшида ба «Соли маърифати ҳуқуқӣ» ва 30 солагии қабули Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон. (шаҳри Кӯлоб, 04 ноябри соли 2024). – Кӯлоб: ҶДММ «Истиқлол 2019». – С. 308-312.

[15-М]. Набизода, Н.М. Нақши мақомоти прокуратура дар татбиқи ҳуқуқ дар ҷомеа ҳамчун омили муҳими таҳкими суботи сиёсӣ [Матн] / Н.М. Набизода // Маводи конференсияи ҷумҳуриявии илмӣ-назариявӣ дар мавзӯи «Фарҳанги сулҳофарини Пешвои миллат-заминаи эҳёи ваҳдати миллӣ ва бақои истиқлоли давлатӣ» (Бахшида ба 28 солагии ҷашни Ваҳдати миллӣ ва 80 солагии Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ, шаҳри Кӯлоб, 21 июни соли 2025). – Кӯлоб: СИ «Қурбонов Сорбон». – С. 183-187.

[16-М]. Набизода, Н.М. Рушди фаъолияти ҳуқуқтатбиққунии мақомоти прокуратура пас аз эъмори Ваҳдати миллӣ [Матн] / Н.М. Набизода // Маводи конференсияи ҷумҳуриявии илмӣ-назариявӣ дар мавзӯи «Фарҳанги сулҳофарини Пешвои миллат-заминаи эҳёи ваҳдати миллӣ ва бақои истиқлоли давлатӣ» (Бахшида ба 28 солагии ҷашни Ваҳдати миллӣ ва 80 солагии Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ, шаҳри Кӯлоб 21 июни соли 2025). – Кӯлоб: СИ «Қурбонов Сорбон». – С. 187-190.

**Ҷаласа қарор кард:**

1. Диссертатсияи Набизода Набӣ Мирзонаим «Фаъолияти ҳуқуқтатбиққунии мақомоти прокуратураи Ҷумҳурии Тоҷикистон: таҳқиқоти назариявию ҳуқуқӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 5.5.1 - Назария ва таърихи ҳуқуқ ва давлат; таърихи таълимот дар бораи ҳуқуқ ва давлат кори тақикии анҷомёфта ҳисобида шавад.

2. Диссертатсияи Набизода Набӣ Мирзонаим «Фаъолияти ҳуқуқтатбиққунии мақомоти прокуратураи Ҷумҳурии Тоҷикистон: таҳқиқоти назариявию ҳуқуқӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 5.5.1 - Назария ва таърихи ҳуқуқ ва давлат; таърихи таълимот дар бораи ҳуқуқ ва давлат барои ҳимоя дар

шурои диссертатсионӣ 6D.KOA- 018 назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон тавсия дода шавад.

Хулоса дар ҷаласаи Шуъбаи масоили назариявии давлат ва ҳуқуқи муосири Институти фалсафа, сиёсатшиносӣ ва ҳуқуқи ба номи А. Баҳоваддинови Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон қабул карда шудааст.

Иштирок доштанд: ҳамагӣ 9 нафар. Натиҷаи овоздиҳӣ: «тарафдор» 9 нафар, «зид» – нест, «бетараф» – нест.

Суратҷаласа аз 26 ноябри соли 2025, №18.

Раиси ҷаласа:
Мудири шуъбаи масоили назариявии давлат ва ҳуқуқи муосири Институти фалсафа, сиёсатшиносӣ ва ҳуқуқи ба номи А. Баҳоваддинови Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон,
доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор Removed Removed Removed Бобоҷонзода И.Ҳ.

Котиби ҷаласа:
Лаборанти калони шуъбаи масоили назариявии давлат ва ҳуқуқи муосири Институти фалсафа, сиёсатшиносӣ ва ҳуқуқи ба номи А. Баҳоваддинови Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон Нуриева В.М.

Имзои И.Ҳ. Бобоҷонзода ва В.М. Нуриеваро тасдиқ мекунам.
Нозири калони шуъбаи кадрҳо Абдураҳмонзода Б.А.

ШУЪБАИ КАДРҲО ОТДЕЛ КАДРОВ

Суроға: 734025, ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 33
Телефон: 8 (992) 37221-49-33
Почтаи электронӣ: info@philosophy.tj Сомона: www.philosophy.tj

«26» 11 2025 с.